# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Аламова Хатичамо Туйбошиевна аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ аз фанни физика,**

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна таҳсилоти миёнаро дар зодгоҳаш дар МТМУ №29 деҳаи Хоҷа-Исҳоқи ноҳияи Кӯлоб гирифтааст. Баъди хатми мактаби миёна Соли 1994-1996 таҳсилро дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Бохтар идома додааст. Мавсуф баъди хатми омӯзишгоҳ фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1996-2000 ба ҳайси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и деҳаи Хоҷа-Исҳоқи ноҳияи Кӯлоб оғоз намудааст.

Соли 2000 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ , факултети физика дохил шуда, онро соли 2005 бомуваффақият хатм намудааст. Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна аз соли 2005 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» фаъолият намуда истодааст. Солҳои 2008-2009 ба ҳайси ҷонишини декани факултети физика, соли 2013-2015 ҷонишини декани факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи марти соли 2023 то ин ҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи номбурда кор ва фаъолият карда истодааст.

Аз соли 2021 дар кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии ДДК ба ҳайси унвонҷӯ фаъолияти илмии худро оғоз намудам.

Мавзуи рисолаи номзадии Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна бо унвонии «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» зери роҳбарии **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва

низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

Солҳои охир диққати Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна проблемаи истифодаи технолгияи иттилооти дар дарсҳои физика бештар чалб намуда буд. Аз ин рӯ дар кори илмӣ таҳқиқотӣ проблемаҳои исстифодаи ТИК –ро дар ҷараёни корҳои таълимию озмоишӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳоратҳои касбӣ дар амал тадбиқ намудан ва истифода намудани маҳорат, таҷрибаву малакаҳои адӯхташуда аз ҷониби омӯзгорон ироа гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор ва нововар муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ–методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии дисертатсияро инъикос мекунанд.

Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақола ба нашр расонидааст, ки 4–тои он дар маҷаллаҳои такризшавандаи Камисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна дар конфронсияҳои илмӣ минтақавӣ ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида бо маърӯзаҳои илмӣ бармад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеа, ҳамкорон ва донишҷуён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва истифодаи технологияи иттилоотиро дар корҳои озмоишӣ оид ба мавзӯи таҳқикот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Мавзуи рисолаи номзадии Аламова Хатичамо Тӯйбошиевна бо унвонии «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба додани дараҷаиҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ; Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Душанбе, ҳиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои А.Р. Мирзоев - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН» РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС